# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Пас аз истиқлолият пайдо кардани Тоҷикистони азизи мо доираи истифодаи забони адабии тоҷикӣ чун забони давлатӣ хеле васеъ гардид. Муносибатҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ бо чандин мамолики дунё барқарор гардида, рафтуомади хориҷиён ба мамлакати мо ва баръакс сафари шаҳрвандони мо ба мамолики Аврупо, Осиё, Амрико ва дигар кишварҳо пайваста идома меёбад. Барои анҷоми ин сафарҳо нақши забонҳои ҷаҳонӣ – англисӣ, русӣ, арабӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, чинӣ ва монанди инҳо рӯз аз рӯз вусъат меёбад.

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши муқоисавӣ равона карда шудааст. Дар ин раванд, таваҷҷуҳ ба омӯзиши грамматика низ хеле назаррас аст.

Омӯзишҳо нишон додаанд, ки мавзуҳои грамматикӣ ва воситаҳои ифодаи онҳо дар забонҳои гуногун яке аз паҳлӯҳои мавриди таваҷҷуҳ буда, дар забонҳои мухталиф роҳу воситаҳои махсуси ифодаи худро доранд, ки дар диссертатсияи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аслан мавзӯи интихобшуда аз мавзӯҳои актуалӣ маҳсуб ёфта, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳо басо манфиатовар аст. Дар диссертатсия мушоҳида мешавад, ки паҳлӯҳои гуногун, хусусиятҳои мухталифи ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи асарҳои бадеиву илмӣ дар шакли муқоиса пешниҳод шудааст ва нозукиҳои он низ ҳангоми тарҷума мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби якуми рисола **«Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дараҷаи омӯзиши он дар забоншиносии тоҷикиву англисӣ ва дигар забонҳои марбута, ки хусусияти наздикии сохториро доранд, таҳқиқ шудааст.

Мусаллам аст, ки омӯзиши муқоисавии мавзӯи интихобшудаи рисола таҳқиқи васеъ ва амиқи илмиро дар заминаи ду забон тақозо мекунад, ки мавриди таваҷҷуҳ мебошад ва дар ин замина, истифодаи маводи забонҳои дигар ки ба таҳқиқи муқоисавӣ замина гузошта метавонанд аз манфиат холӣ нест.

Боби дуюми рисола «**Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои сохторӣ ва семантикии қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дода шуданд, зеро забони англисӣ дар ин масъала хусусияти хос дошта, зарурати омӯзиши васеътареро тақозо мекунад. Пажуҳиши феълҳои гуфтор ва дар як маврид дуруст ба роҳ мондан ва корбурд намудани қоидаи мутобиқатии замонҳои англисӣ, ки ба тарҷума низ алоқа бевосита доранд, мавриди пажуҳиш ва таваҷҷуҳи хос қарор дода шудаанд.Таҳқиқи мавзӯи интихобшудаи диссертатсия ва натиҷаҳои он бевосита метавонанд, ки дар раванди таълими забоншиносии муқоисавӣ мавриди истифода қарор гиранд ва дар ин баробар дар омӯзиши тарҷума ва назарияи он аз саҳм гузошта метавонанд.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳлилу муқоисаи **«Усулҳои ифодаи банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ»** бахшида шудааст.

Дар назди муҳақиқи диссертатсия пеш аз ҳама ҳадафи асосӣ омӯзиши маводи илмии мавҷуда дар забони тоҷикӣ ва алоқаи бевоситаи он ба забони англисӣ буд, то ин ки дар ин замина ва бо истифодаи маводи тарҷумашудаи асарҳои бадеӣ ва илмӣ тавонад, ки таҳлили пурраи мавзӯи интихобшудаи диссертатсияро гузаронад ва натиҷаҳои амиқи илмиро дар забонҳои таҳқиқшаванда ба даст оварад.

Дар раванди кор муҳақиқ тавонист, ки бар болои мавзуъ ва маводи ҷамъовардааш ба дурустӣ кор барад ва натиҷаҳои бадастовардааш заминаи амиқи илмӣ доранд. Дар ин бора диссертатсияи пешниҳоднамудаи ӯ ва дар баробари ин, мақолаҳои илмии нашркардааш, ки дар конфронсҳои сатҳи гуногун низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд, шаҳодат медиҳанд.

Таҳқиқоти Саидова М.А. таҳлили пурраи ҳадафҳои банақшагирифтаро дар бар мегирад ва дар он ҳамаи вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳрезишуда мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

Мухтавои диссертатсия ва фишурдаи он бо ду забон, тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд. Дар атрофи мавзӯъ, мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр шудаанд.

Дар умум, диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва

муқоисавӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми ноябри соли 2021, тахти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,

дотсенти кафедраи забони англисии

Коллеҷи техникии ДТТ ба номи

академик М.Осимӣ

Туйғунов Носир Ҳақбердиевич

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Айнӣ 41
Тел: (99237) 2218914
Тел: 935551304
www.tkttu.tj

Имзои Н. Ҳ. Туйғуновро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсуси КТДТТ
ба номи академик М.Осимӣ

30.06.2022с

Сангов С. А.